ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

УДК: 331.2.3 (575.3)
ББК: 65.052.2 (2 Т)
С- 21

САФАРОВ ХУРРАМ АБДУСАТТОРОВИЧ

РОҲҲОИ ВАСЕЪНАМОИИ САРЧАШМАҲОИ ТАНЗИМИ КАСРИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

Душанбе – 2022

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Қодирзода Диловар Бахриддин**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикисон

Муқарризони расмӣ: **Шарипов Бахром Маҳмудович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Якубзода Маъруф Садруддин, доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия, муаллими калони кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Муассисаи тақриздиҳанда: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия дар маҷлиси Шурои диссертатсионии **6D.КОА-003** назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи «13» октябри соли 2022, соати 16^{00} баргузор мегардад. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Буни Ҳисорак. Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7 ауд. 102, e-mail: **ds_6d.koa-003@mail.ru,** телефони котиби илмӣ: (+992) 900171759

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии донишгоҳ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _____ 2022 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қурбонов А.К.

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити муосири рушди буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, авҷи минтақашавии муносибатҳои арзию қарзӣ ва асъорӣ, хусусан ба миён омадани алтернативаи Бонки Ҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилалии асъор ва дигар ташкилотҳои молиявӣ дар давлатҳои узви БРИКС ва коҳиш ёфтани мавқеи асъорҳои ҷаҳонӣ, хусусан доллари ИМА, вобастагии зиёди асъорҳои миллӣ аз асъорҳои давлатҳои абарқудрат, беқурбшавии маблағҳои буҷетӣ, истифода нагардидани маблағҳои буҷетӣ ҳамчун захираҳои қарзии кутоҳмуддат, меъёрҳои баланди андозӣ ва вобаста ба буҳронҳои ҷаҳонӣ камшавии даромадҳои андозӣ, зиёдшавии хароҷотҳои буҷети давлатӣ, бесамар истифоданамоии хароҷоти буҷети давлатӣ, касри барзиёди буҷети давлатӣ ба рушди иқтисод монеа эҷод намуда истодаанд, ки аз саривақтӣ будани таҳқиқи мавзуи мазкур шаҳодат медиҳанд.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: “Пайомадҳои пандемия ба иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, ба рушди иқтисоди миллӣ, буҷети давлатӣ, гардиши савдои хориҷӣ, қурби асъори миллӣ, инчунин, ба фаъолияти корхонаҳои саноативу муассисаҳои хизматрасонии мо низ таъсири манфии худро расонида истодаанд. Бо назардошти коҳиш ёфтани даромади буҷет, афзоиши талаботи маблағгузорӣ, пеш аз ҳама, ба соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла тандурустӣ ва дигар хароҷоти пешбининашуда буҷети давлатиро барои соли 2020 бознигарӣ карда, ба нишондиҳандаҳои қисми даромад, хароҷот ва касри он тағйироти дахлдор ворид намудем”[1].

Ба муаммои касри буҷет ва ё номувозинатии қисматҳои даромаду хароҷоти буҷет, тамоми давлатҳои ҷаҳон дар марҳилаҳои гуногун рӯ ба рӯ мешаванд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам, ки ҳолати мазкур боиси вайрон шудани низоми молиякунонӣ дар мамлакат ва боиси пайдо шудани норасоии захираҳои молиявӣ мегардад. Вобаста ба ин, солҳои охир касри буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи манбаҳои асосии зерин рӯйпуш карда мешаванд: хусусигардонии моликияти давлатӣ, фурӯши векселҳои хазинадорӣ, қарзи дохилӣ ва берунии давлатӣ ва ғайраҳо.

Дар ин росто, муаммоҳои муайяне мавҷуданд, ки аз рӯйдодҳои ҷаҳонӣ ва фаъолияти номувофиқии субъектҳои дохилӣ маншаъ гирифта, монеаҳои ҷиддиро барои дар сатҳи муътадил иҷро шудани нақшаи сарчашмаҳои дохилӣ ва ҷалбшуда барои рӯйпуш намудани касри буҷети давлатӣ ба миён меоранд. Хусусан, ҳолати мазкур аз тамоюлҳои ноустувори иқтисодӣ ва молиявӣ дар ҷаҳон ва масъулиятнокии мутахассисони ватанӣ, вобастагии қавӣ дорад. Ҳамин тавр, мубрамияти мавзуи интихобгардида, бо ислоҳотҳое, ки дар мамлакат гузашта истодаанд тавъам мебошад, ки вазифаашон беҳтарсозии танзим ва

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе: 2020. / [захираи электронӣ]. – URL: http: // www.prezident.tj /node/ 25005.

баландбардории сатҳи натиҷанокӣ ва самаранокии касри буҷети давлатӣ, махсусан, коҳиш додани вобастагии буҷети давлатӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ аз омилҳои беруна, алалхусус вобаста ба маҳдудиятҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ.

Зарурати таҳқиқ ва илман асосноккунии роҳҳои васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳқиқи нокифояи илмию назариявӣ ва методии он, масоили мубрами таҳқиқи диссертатсиониро ташкил медиҳад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дар самти коркард ва омӯзиши роҳҳои васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ олимони хориҷӣ, ба монанди: Э. Ханушек, Г. Хатри, Г.М. Левин, М. Фаррел, М.П. Афанасев, Н. Франческо ва Н.В. Шаланов васеъ истифода мегарданд, ки онҳо дар самти идоракунии касри буҷети давлатӣ дар асрҳои XX ва XXI нақши арзишманд гузоштаанд.

Саҳми начандон калон дар самти идоракунии касри буҷети давлатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисоди миллӣ дар таҳқиқотҳои олимони нимаи дуюми асри XX, ба монанди: Г. Минза, Ҷ.М. Кларк, Ҷ.Р. Коммонс ва дигарон дида мешавад.

Доир ба моҳияти иқтисодии касри буҷети давлатӣ ва сохтори он аз ҷониби мактабҳои иқтисодӣ, ба монанди: мактаби классикии А. Смит ва Д. Рикардо, мактаби марксистии К. Маркс, мактаби кейнсионии Ҷ.М. Кейнс, мактаби неокейнсионии Ҷ. Хикс, А. Лаффер, Р. Дорнбуш, М. Фридман, Ҷ. Стиглитс ва дигарон низ корҳои муайяне ба анҷом расонида шудаанд.

Таҳқиқотҳои бузург дар самти механизми идоракунӣ ва самаранок истифодабарии сарчашмаҳои пушонидани касри буҷети давлатӣ, чунин олимон, ба монанди: А.В. Малсева ва С.В. Корол амалӣ намудаанд. Дар таҳқиқоти А.В. Малсева самаранок истифодабарии сарчашмаҳои рӯйпушнамоии касри буҷети давлатӣ ҳамчун қобилияти аз давраи ташаккулёбӣ назорат намудани буҷет аз ҷониби институтҳои давлатӣ баррасӣ шудааст.

Самаранок истифодабарии сарчашмаҳои рӯйпушнамоии касри буҷетро Б.И. Боймирзоев, И.Р. Иброҳимов ва У. Алимардонов дар таҳқиқотҳои худ дар якҷоягии таъсири институтҳои муҳими давлатӣ дар ноустувории иқтисоди бозорӣ мебинанд.

Дар самти усулҳои баҳогузории касри буҷети давлатӣ саҳми калон маҳз дар таҳлилҳои Ш.М. Раҳимзода, Ҳ.У. Умаров, М.К. Файзулло, А.К. Қурбонов, Х. Азимов, С.Б. Мунавваров ва Х.Р. Улуғхоҷаева дида мешавад.

Дар умум, муаммоҳои васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар таҳқиқотҳои олимони тоҷик ва рус низ дида мешаванд. Дар адабиёти муосири иқтисоди ватанӣ оид ба моҳияти касри буҷет ва васеънамоии сарчашмаҳои танзими он бо назардошти таҷрибаи таҳқиқоти гузаронидашудаи дигар давлатҳои хориҷӣ дар таҳқиқотҳои Р.К. Раҳимов, Т.Н. Назаров, Л.Ҳ. Саидмуродов, Ш.М. Раҳимзода, Б.И. Боймирзоев, Д.Б. Қодирзода, З. Султонов, З.А. Раҳимов, И.Р. Иброҳимов, М.Т. Каримова, Ҳ.У. Умаров, М.К. Файзулло, С.Б. Мунавваров, У. Алимардонов, Ф.М. Муминова, Ф.С. Обидов, А.К. Қурбонов, Х.Р. Улуғхоҷаева, Я.Н. Юлдошев, С. Вазиров, У.С. Ҳикматов ва

олимоне, ки дар ин соҳа ҳимоя намудаанд – Ф. Усмонов, Б. Шарбатов, Султонби Р., А.А. Бекматов, Р.Т. Ҷабборов ва дигарон дида мешавад. Дар самти механизми баландбардории самаранокии истифодаи сарчашмаҳои рӯйпушнамоии касри буҷети давлатӣ ва муаммоҳои он бошад, аз ҷониби олимони рус, ба монанди: А.И. Базетская, А.И. Романенков, В.В. Ковалев, В.П. Литовченко, М.М. Прошунин, Н.В. Шаланов, О.Н. Горбунова, Э.В. Алехин ва дигарон таҳқиқот гузаронида шудааст. Дар самти низоми танзими касри буҷет ва роҳҳои рӯйпушнамоии он бошад, дар таҳқиқотҳои В. Тушина, В.В. Ковалев, В.П. Литовченко, Д.Е. Фадеев, М.В. Романовский, М.М. Прошунин, Т.А. Фролова, Т.В. Сорокина ва дигарон дида мешавад.

Дар баробари ҳамаи ин, қайд намудан ҷоиз аст, ки дар таҳқиқотҳои олимони дар боло номбаршуда муаммоҳои ҳалношуда дар самти роҳҳои васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ, хусусан, дар рушди низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир пайдо шудани таҳдидҳои нав, низ вуҷуд доранд. Бинобар ин, дар таҳқиқоти мазкур роҳҳои ҳалли муаммоҳои ҷойдошта дар самти васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷет, модели танзими низоми касри буҷет ва роҳҳои самаранок истифодабарии сарчашмаҳои танзими он дар иқтисоди миллӣ ошкор карда шудааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи роҳҳои васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи стратегияву барномаҳои давлатии сатҳи миллӣ ва соҳавӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии зерин таҳия карда шудааст: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023, Барномаи миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2021-2023, Стратетияи рушди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025, Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (бахши илмҳои иқтисодӣ-бандҳои 1,7,8) ва Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар доираи мавзуи “Такмили механизми идоракунии молияи давлатӣ дар шароити рушди инноватсионӣву саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот – ба таври назариявӣ асосноккунии самтҳои васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ, пешниҳоди тавсияҳои методиву амалӣ оид ба беҳтарсозии сифати танзими касри буҷети давлатӣ дар шароити муосири шадидшавии таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонишавӣ

ба рушди устувори низоми молиявӣ ва иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот:

- ✓ таҳқиқи таҳаввулоти назариявии танзими касри буҷети давлатӣ ва муайян кардани ҷанбаҳои методии танзими касри буҷети давлатӣ ва пешниҳоди равиши муаллифӣ;
- ✓ асосноккунии усулҳои муосири низоми танзими касри буҷети давлатӣ дар асоси таҷрибаи хориҷӣ;
- ✓ таҳлил ва баҳогузорӣ, ошкорнамоии тамоюлҳои сохторӣ ва институтсионалии танзими касри буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ✓ арзёбии самаранокии танзими касри буҷет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ✓ пешниҳоди самтҳои афзалиятноки васеъкунии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ✓ таҳияи модели танзими касри буҷети давлатӣ ва дурнамои он барои давраи то соли 2030 дар раванди мукаммалсозии сиёсати буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот - сарчашмаҳои касри буҷети давлатӣ дар шароити муосири низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи таҳқиқот - низоми муносибатҳои иқтисодие, ки раванди истифоданамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ ва таъсири он ба рушди устувори низоми молиявӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос менамоянд, баромад мекунад.

Фарзияи таҳқиқот – беҳтарсозии танзим ва баландбардории сатҳи натиҷанокӣ ва самаранокии сарчашмаҳои касри буҷети давлатӣ ба коҳиш додани вобастагии буҷети давлатӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ аз омилҳои беруна, алалхусус аз ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ва дохилӣ, мусоидат мекунад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Таҳқиқот дар асоси таҳлилу омӯзиши таҳаввулоти назариявии касри буҷети давлатӣ, низоми баҳогузории касри буҷети давлатӣ ва самтҳои васеънамоӣ ва самаранок истифодабарии сарчашмаҳои танзими он гузаронида шудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқотро таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, мақолаҳо, ҳисоботҳои илмӣ, маводҳои конференсияҳои илмӣ, ки дар самти васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ вуҷуд доранд, ташкил медиҳад. Дар таҳқиқот омӯзиши усулҳои умумӣ, ба монанди: усулҳои диалектикӣ, илмӣ-мантиқӣ, ки натиҷаи ба вуҷуд омадани фарзияҳои дақиқ дар самти танзими касри буҷети давлатӣ мебошад, оварда шудааст. Барои таҳияи пешниҳодҳои оқилона дар таҳқиқот усулҳои зерин мавриди истифода қарор гирифтаанд: абстрактӣ-мантиқӣ, индуктивӣ, ҳисобҳои таҳлилӣ, таҳлилӣ-муқоисавӣ, монографӣ, сотсиологӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, таҳлилӣ-омилӣ, гурӯҳбандии оморӣ ва математикӣ.

Сарчашмаи маълумотро қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба буҷети давлатӣ, дастурамалҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои таҳлилии институтҳои байналхалқии молиявии

бонуфуз ва марказҳои таҳқиқотии хориҷӣ, таҳлилу хулосаҳои институтҳои давлатӣ ва мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд.

Пойгоҳи таҳқиқотро маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонаҳои расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, институтҳои байналхалқии молиявии бонуфуз ва марказҳои хориҷии таҳқиқотӣ, таҳлилу хулосаҳои институтҳои давлатӣ ва мақолаҳои олимони ватаниву хориҷӣ оид ба васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба танзими касри буҷети давлатӣ ва механизмҳои таъсиррасонандаи он ба устувории низоми молиявӣ ва иқтисоди миллӣ ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар коркарди консепсияи назариявию методии танзими касри буҷети давлатӣ дар асоси роҳҳои васеънамоии сарчашмаҳои он, такмили механизму усулҳо ва муайянсозии самтҳои афзалиятноки такмили танзими касри буҷет дар таъмини рушди устувори иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити шиддат ёфтани таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ зоҳир меёбад.

Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб мераванд:

1. Таҳқиқи таҳаввулоти консепсияҳои танзими касри буҷетӣ барои гурӯҳбандии онҳо (тавозунӣ, зиддисиклӣ ва функсионалӣ) имконият дод, исбот намоем, ки консепсияи молияи функсионалӣ ба шароити муосири иқтисоди миллии мо мусоид аст. Тибқи он мақсади ниҳоии танзими касри буҷет ва молияи давлатӣ на таъмини тавозуннокии буҷет, балки таъмини устувории иқтисодиёт буда, он ба васеъкунии сарчашмаҳои танзими касри буҷет ва самаранок истифода бурдани онҳо ба рушди иқтисоди миллӣ, нигаронида шудааст. Дар ин ҳолат рушди иқтисодӣ боиси пайдо шудани сарчашмаҳои васеи маблағгузории он гардида, барои бартараф намудани маҳдудиятҳои ҷойдоштаи касри буҷети давлатӣ ва низоми молиявии анъанавӣ гашта, самараи мултипликативӣ (фузунсозӣ)-и макроиқтисодиро ба миён меорад;

2. Дар заминаи таҳлили ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ, мафҳуми муаллифии касри буҷетӣ пешниҳод гардид, ки тибқи он - касри буҷет ин категорияи иқтисодиест, ки муносибатҳои номутавозинӣ вобаста ба барзиёдии хароҷот нисбат ба даромади буҷети давлатӣ ба амал омада, боиси пайдо гардидани ҷалби маблағҳои иловагӣ дар шакли пайдо гаштани қарзи давлатӣ бо мақсади маблағгузорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ мебошад. Исбот карда шуд, ки ҳолати касри буҷети давлатӣ метавонад ба вазъи иқтисодиёт ва рушди устувори он ҳам таъсири манфӣ ва ҳам мусбат расонида, яке аз индикаторҳои асосии танзими низоми молияи давлатӣ ва рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад;

3. Таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ ошкор кард, ки барои таъмини устувории низоми буҷети Тоҷикистон ва танзими касри он дар марҳилаи муосир унсурҳои зеринро аз таҷрибаи кишварҳои пешқадам, ба монанди: таҷрибаи ИМА – танзими хароҷотҳои дуюмдараҷаи буҷетӣ ва иштироки васеъ дар бозори молиявӣ; таҷрибаи Канада - истифодаи пурраи иқтидори минтақаҳо тавассути пешниҳоди салоҳиятҳои васеи молиявӣ, таҷрибаи Олмон – истифодаи сармоягузориҳои буҷетӣ ва зиёд намудани салоҳиятҳои буҷетҳои маҳаллӣ ва ғайра;

4. Ошкор карда шуд, ки айни замон сарчашмаҳои даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хеле маҳдуд буда, асосан ба андозҳо (зиёда аз 83%) ва ғайриандозӣ (то 11%), ки аз баланд будани гаронии андоз ба рушди ҷории субъектҳои иқтисодӣ шаҳодат дода, боиси пайдо гаштани касри буҷетӣ ва афзоиши таҳдидҳои қарзи давлатӣ ба рушди ояндаи онҳо ва иқтисоди миллӣ маҳдудиятҳо эҷод менамояд. Муайян гардид, ки дар доираи даромадҳои ғайриандозӣ ҳиссаи грантҳо, кумакҳо ва қарзҳо ҳамчун сарчашмаҳои пушонидани касри буҷет мавқеи зиёд дошта, қарзҳо боиси зиёдтар шудани хароҷоти буҷет барои хизматрасонии онҳо ва зиёдшавии гаронии мултипликативии касри буҷет мегардад. Инчунин муайян шуд, ки таъсири корхонаҳои бузурги давлатӣ, ки зарарovар фаъолият мебаранд, боиси афзун гардидани хавфҳои молиявии буҷетӣ ба андозаи то 7%-и ММД ва тамоюли пинҳонии зиёд гардидани касри буҷети давлатӣ гардида, хавфҳои навро ба рушди устувори низоми молиявӣ ва иқтисоди миллӣ эҷод менамоянд. Ин тамоюлҳо зарурати кам кардани хароҷот ва касри буҷетро талаб намуда, боиси пайдо гардидани усулҳои нави маблағгузории буҷетии фаъолияти чунин корхонаҳои давлатиро, ба монанди – табдилдиҳии онҳо ба ҷамъиятҳои саҳомӣ, фурӯши саҳмияҳои онҳо бо мақсади ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ тавассути истифодаи имкониятҳои бозори молиявиро пеш оварда;

5. Самтҳои афзалиятноки васеъкунии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандӣ гардида (дохилӣ ва берунӣ), асоснок карда шуд, ки ба сарчашмаҳои дохилӣ – тақвияти ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, истифодаи имкониятҳои бонкҳо ва ташкилотҳои ғайрибонкӣ, захираҳои бозори молиявӣ, рушди иқтидори сармоягузории аҳолӣ ба воситаи фурӯши қоғазҳои қиматноки давлатӣ ва корпоративӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, тақвияти раванди буҷетӣ ба натиҷа равонашуда ва ғ.; ба сарчашмаҳои беруна – ташкили фондҳои маблағгузории давлатию хусусӣ бо ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, баромад ба бозорҳои молиявии байналмилалӣ, тақвияти бозори озоди молиявӣ, ҷоннокнамоии ҷалби маблағҳои диаспораҳои тоҷикони бурунмарзӣ ва ғайраҳо дохиланд;

6. Моделҳои танзими касри буҷети давлатӣ ва дурнамои он барои давраи то соли 2030, аз ҷумла, модели самаранок истифодабарии воситаҳои пушонидани касри буҷет ва модели оптимизатсияи даромадҳо, хароҷотҳо ва касри буҷет таҳқиқ гардида, вобастагии зиёди рушди иқтисоди миллиро аз рӯйи ду сенария – $R^2 = 0,9$. муайян карда шуд. Инчунин вобаста ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва оптимизатсияи касри буҷетӣ вобаста ба даромаду хароҷотҳо дурнамои онҳо

коркард шуд, тибқи сенарияи якум то 10% ва тибқи сенарияи дуюм то 15% рушди иқтисодиро ба даст овардан имконпазир мебошад. Ҳамзамон вобаста ба моделҳои мазкур як қатор пешниҳодҳо ва самтҳои афзалиятноки танзими касри буҷет ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ коркард карда шуд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- ✓ консепсияи муаллифӣ дар асоси таҳқиқоти назариявии танзими касри буҷети давлатӣ;
- ✓ фаҳмиши муаллифии категорияи касри буҷетӣ бо назардошти ҷанбаҳои методии танзими касри буҷети давлатӣ;
- ✓ татбиқи усулҳои муосири низоми танзими касри буҷети давлатӣ дар асоси таҷрибаи хориҷӣ;
- ✓ пешниҳодҳо ҷиҳати танзими давлатии касри буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси омӯзиши тамоюлҳои сохторӣ ва институтсионалии нишондиҳандаҳои асосии касри буҷет дар иқтисоди миллӣ;
- ✓ баҳогузории самаранокии сиёсати буҷетӣ ва иҷроиши тадбирҳои танзими касри буҷет ва самтҳои танзими он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ✓ самтҳои афзалиятноки мукаммалсозии сиёсати буҷетӣ дар асоси моделҳои танзими касри буҷети давлатӣ ва дурнамои он барои давраи то соли 2030.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии кори диссертатсиониро ақидаҳои назариявии мактабҳои иқтисодӣ ва дигар олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки онҳо дар амал асоснок карда шудаанд. Инчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявии-методологӣ ва илмии муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни муаммоҳои такмили самаранок истифодабарии сарчашмаҳои танзими касри буҷет фаро гирифтааст. Таҳқиқоти методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун базаи маълумот барои гузаронидани таҳқиқотҳои методологӣ-назариявии буҷет ва низоми буҷетӣ, таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии танзими касри буҷет истифода гарданд.

Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ бо истифодаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маълумотҳои омори расмӣ, маълумотҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар маълумотҳои расмӣ асос ёфта, натиҷаҳои таҳқиқоти амалии гузаронидашуда ва тавсияҳои амалии барои такмили танзимнамоии касри буҷети давлатӣ пешниҳодшуда метавонанд дар оянда дар низоми идоракунии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсатҳои молияи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои самаранок истифодабарии воситаҳои буҷетӣ кумак кунанд, инчунин барои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва институтҳои муҳими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми истифодабарии сарчашмаҳои касри буҷетӣ хизмат мекунанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, мувофиқат мекунад: банди 2. Молияи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ, зербандҳои: 2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.6. Назарияи танзими низоми буҷетию андозӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 2.18. Механизмҳои тақсимкунии воситаҳои буҷетӣ; 2.20. Дигаргунсозии низоми буҷетию андозӣ дар даврaҳои гуногуни рушди иқтисодиёт: афзорҳо ва амсилаҳои мувофиқсозӣ мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Натиҷаҳои асосӣ ва паҳлуҳои кори диссертатсионӣ дар конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ (солҳои 2019-2022) маъруза карда шудаанд. Паҳлуҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ барои мактабҳои олии ҷумҳурӣ тавсия гардида, дар низоми буҷети давлатӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Хулоса, пешниҳодҳо ва тавсияҳои методӣ, ки дар диссертатсия манзур шудаанд, дар корҳои илмии муаллиф, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва маводҳои конференсия интишоршуда, инъикос гардидаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмиву маърӯзаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар давраи солҳои 2019-2022: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Такмили муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ дар рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (ш. Душанбе, с. 2020); маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он”, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, с. 2021); маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Муаммоҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳони пасокоронавирусӣ”, Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (ш. Душанбе, с. 2021); маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ муаммоҳо, роҳҳои рушд ва дурнамо”, Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (ш. Душанбе с. 2021); маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Механизмҳои молиявию қарзии татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе, с. 2022); маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Консепсияҳои инкишофи потенсиали илмии ҷамиятӣ”, Ҷумҳурии Чехия (ш. Прага, с. 2022); маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Илм ва технология”, Ҷумҳурии Қазоқистон (ш. Алмаато, с. 2022) баён карда шудаанд.

Инчунин, натиҷаи таҳқиқот дар фанҳои таълимии «Буҷет ва низоми буҷетӣ», «Низоми хазинадорӣ», «Назорати давлатии молиявӣ», «Мониторинги молиявӣ», «Молия», «Асосҳои молия ва қарз», «Идораи молияи давлатӣ» дар

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 16 мақола чоп гардида, ки ин 5,9 ҷузъи чопӣ (аз он ҷумла, 1,1 ҷ.ч. аз худи муаллиф), аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт аз 152 номгӯй, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замимаҳо иборат буда, дар маҷмуъ дар ҳаҷми 200 саҳифа навишта шудааст. Кори диссертатсионии мазкур аз 32 ҷадвал, 10 расм ва 11 замима иборат мебошад.

ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқ, робитаи мавзуъ бо барномаҳои давлатӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мушаххас карда шуда, унсурҳои навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда тавзеҳ ва саҳми довталаби дараҷаи илмӣ дар пешбурди таҳқиқот муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – “Ҷанбаҳои назариявӣ-методии танзими касри буҷети давлатӣ дар шароити муосир” - таҳавуллоти назариявии танзими касри буҷети давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷанбаҳои методии танзими касри буҷети давлатӣ таҳлил шуда, инчунин таҷрибаи ҷаҳонии танзими касри буҷети давлатӣ ва роҳҳои васеънамоии сарчашмаҳои он омӯхта, самтҳои истифодабарии он барои иқтисодиёти Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Муаллиф ба таҷрибаи пешрафтаи хориҷии татбиқи сиёсати иқтисодии давлат рӯ оварда, диққати асосиро ба аҳамияти танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ равона менамояд. Буҷети давлатии дилхоҳ давлат, тавре дар диссертатсия зикр гардидааст, ҳамчун унсури калидии механизми молиявии танзими давлатии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа ҷойи ғуншавии фондҳои пулӣ ва тақсимоти онҳо аз рӯйи соҳаҳо ва самтҳо дар сатҳи давлат мебошад, ки бидуни он таъмини ҳадафҳои рушди зикршуда ғайриимкон аст.

Дар шароити муосири инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ буҷети давлатӣ ба сифати воситаи асосии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва буҷетӣ-андозӣ баромад намуда, дар аксар мамолики ҷаҳон солҳои охир таҳти таъсири омилҳои мухталиф бо каср дучор мегардад.

Муаллиф ошкор намудааст, ки масъалаи омӯзиши нокифояи назариявӣ ва консептуалии касри буҷет на танҳо як муддати тӯлонӣ ба эътироф нашудани он, балки ба таҳияи модел ва роҳҳои идоракунии он, таҳқиқи тавсифоти миқдориву сифатии зуҳуроти мазкур боис гардида, дар шароити муосир сабабҳои асосии касри буҷет дар иқтисодиёти мамлакатҳо зуҳуроти буҳронӣ, равандҳои инфлятсионӣ, афзоиши қарзи давлатӣ, маҳдудшавии базаи андозбандӣ ва

ғайраҳо буда метавонанд. Аз ҷониби дигар, касри буҷет оқибати манфии сиёсати иқтисодие мебошад, ки ба маҳдудсозии базаи андозбандӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозии ғайриоқилона, тавсеаи дахолати давлат ба иқтисодиёт ва афзоиши хароҷоти давлатӣ равона гардидааст.

Мавқеи ду равияи асосии адабиёти иқтисодиро доир ба масъалаи касри буҷет, сатҳ ва оқибатҳои таъсири он ба иқтисоди миллӣ таҳлил намуда, диссертант андешаҳои намояндагони мактабҳои классикии иқтисоди сиёсиро бо мавқеи кейнсгароӣ муқоиса менамояд. Фарзияи асосии равияи якум дар он асос меёбад, ки агар норасоии буҷети давлатӣ аз ҳисоби воситаҳои буҷетӣ маблағгузорӣ гардад, пас ҳолати мазкур ба татбиқи ғайрисамарабахши меҳнат оварда мерасонад. Равияи дуюм бошад, дар он ифода меёбад, ки давлат тақозоро тавассути буҷети давлатӣ ҳавасманд карда метавонад ва ҳамин тавр, онҳо сатҳи баланди дахолати давлатиро ба иқтисодиёт асоснок намудаанд.

Дар заминаи омӯзиши адабиёти мухталифи иқтисодӣ хулоса карда шудааст, ки пайдоиши касри буҷет сабабҳои мухталифро доро буда ва бо омилҳои гуногун алоқаманд мебошад, ки асоситарини онҳо дар расми 1 оварда шудаанд.

Расми 1. - Сабабҳо ва омилҳои асосии пайдоиши касри буҷет*
***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Тавре аз расми 1 бармеояд, касри буҷет, ин натиҷаи таъсири омилҳо ва сабабҳои асосии овардашуда буда, дар барзиёдии хароҷот нисбат ба даромадҳои буҷет акс меёбад.

Ба андешаи муаллиф, аз лиҳози методологӣ, аз шумораи асосии сабабҳои номбаршуда, пастравии истеҳсолот ва афзоиши бахши ниҳонии иқтисодиёт аҳамияти зиёдтарро доро мебошанд. Мавҷудияти сабабҳои болозикр ба камшавии базаи андозбандӣ оварда мерасонад.

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии танзими касри буҷет, ба мо имкон дод, ки чаҳор тарзи маблағгузории касри буҷетро гурӯҳбандӣ намоем, ки ҳамдигарро пурра мекунанд (расми 2).

Расми 2. - Роҳҳо ва тарзҳои маблағгузории касри буҷет ва танзими он*
Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст.

Дар заминаи таҳлили ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ, мафҳуми муаллифии касри буҷетӣ пешниҳод гардид, ки тибқи он - касри буҷет ин категорияи иқтисодиест, ки муносибатҳои номутавозинӣ вобаста ба барзиёдии хароҷот нисбат ба даромади буҷети давлатӣ ба амал омада, боиси пайдо гардидани ҷалби маблағҳои иловагӣ дар шакли пайдо гаштани қарзи давлатӣ бо мақсади маблағгузорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ мебошад. Исбот карда шуд, ки ҳолати касри буҷети давлатӣ метавонад ба вазъи иқтисод ва рушди устувори он ҳам таъсири манфӣ ва ҳам таъсири мусбат расонида, яке аз индикаторҳои асосии танзими низоми молияи давлатӣ ва рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб равад.

Ба андешаи муаллиф, масъалаи баландбардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ дар кишвари мо дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, такмили маҷмуиро тақозо дорад, ки яке аз вазифаҳои таҳқиқоти мазкур мебошад. Аз моҳияти касри буҷет чунин бармеояд, ки зоҳиран сабаби асосии он ақибмонии даромад аз хароҷоти афзоянда бошад, лекин ба ақидаи мо ва доираи васеи муҳаққиқони илми иқтисодӣ сабабҳои зерини пайдоиши онро нишон додан мумкин аст: самаранокии назорати давлатии вазъи молиявӣ; зуҳуроти манфии ҳамаҷониба ба рушди иқтисодӣ таъсиркунанда; пайдоиши ҳолатҳои фавқулодда, ба монанди катаклизми табиӣ; марказҳои номуътадилӣ; рушди азҳад зиёди хароҷоти ҳарбӣ дар алоқамандӣ бо масоили бехатарӣ; маблағгузории муосиргардонии истеҳсолоти бузург; афзунсозии ҳиссаи хароҷоти истеъмолӣ нисбат ба ММД; васеъсозии барзиёди дастгоҳи мансабдорон ва ғайраҳо.

Мувофиқан дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, касри буҷет аз ҷиҳати давомнокии худ метавонад кутоҳмуҳлату дарозмуҳлат шавад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Омилҳои пайдошавии касри буҷет дар шароити муосир*

Кутоҳмуҳлат	Дарозмуҳлат
- набудани таҷрибаи зарурии ояндабинии макроиқтисодии мақомоти ҳокимият	- афзудани теъдоди пардохтҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ ва зиёд шудани гаронии иҷтимоии буҷет
- пурра ба ҳисоб нагирифтани тағйироти имконпазири як қатор ҳолатҳо	- вазъи демографӣ номусоиди вобаста ба пиршавии аҳолӣ, ки дар натиҷаи он хароҷот барои пардохти нафақа, кумакпулиҳои гуногун, хизматрасонии нақлиёт, тандурустӣ

Идомаи ҷадвали 1.

	ва ғ. меафзоянд
- коҳиши ҳаҷми даромадҳои буҷет метавонад на танҳо аз сабаби пурра ворид нашудани андозҳо, балки бар асари афтиши нархи содирот рух диҳад	- озодсозии қонунгузории андоз ва чун натиҷаи он – коҳиш ёфтани меъёрҳои андоз бе тасҳеҳи дахлдори моддаҳои хароҷоти буҷети давлатӣ
- камшавии ҳаҷми истеҳсол аз сатҳи пешбинишуда хеле пасттар буда метавонад	- афзудани ҳаҷми қарзи хориҷии кишвар
- тағйироти сохтори тақозо ба маҳсулоти тавлидии кишвар ва коҳишёбии имконпазири рақобатпазирии онро ба ҳисоб бояд гирифт	- афзоиши вобастагии кишвар аз таконҳои беруна (асъори хориҷӣ, молҳои хориҷӣ, сармояи хориҷӣ ва ғ.)

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Давлат касри буҷет ва хароҷоти афзоишёфтаи давлатиро аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ, аз ҷумла тавассути интишори облигатсияҳои давлатӣ, вомбаргҳои хазинадорӣ ва дигар қоғазҳои қиматнок ва фурӯши минбаъдаи онҳо ва агентиҳои иқтисодӣ дар дохили давлат маблағгузорӣ карда метавонад.

Ҳамчунин давлат касри воситаҳои буҷетӣ ва хароҷоти афзоишёфтаи давлатиро аз ҳисоби сарчашмаҳои берунӣ, аз ҷумла бо роҳи фурӯши дороиҳои молиявӣ дар бозорҳои фондии берунӣ, ҷалби воситаҳои иловагӣ дар намуди қарзи давлатӣ аз мамлакатҳои хориҷӣ ё ташкилотҳо-шарикони рушд маблағгузорӣ карда метавонад.

Муаллиф, дар заминаи таҳқиқоти анҷомдода муқаррар намудааст, ки се усули танзими касри буҷет мавҷуданд ва аз онҳо дар таҷрибаи байналмилалӣ бомуваффақият истифода менамоянд:

1) нуқтаи истиноди калидии молияи давлатӣ ноилгардӣ ба тавозуни солонаи буҷети давлатӣ ва касри воситаҳои буҷетӣ мебошад;

2) таъкид ба танзими давлатии зиддисиклии норасоии воситаҳои буҷетӣ дар давоми як сикли рушди иқтисодӣ тавассути татбиқи фишангҳои сиёсати фискалӣ дар сатҳи давлат;

3) таъкид ва роҳнамоӣ ба андозбандии функсионалӣ, дар ҳоле, ки рушди мутавозини иқтисодиёт тавассути воситаҳои гуногуни дар ихтиёри давлат қарордошта, аз ҷумла воситаҳои сиёсати фискалӣ таъмин карда мешавад.

Давлатҳо камбудро асосан тавассути бароришиҳои пулҳои иловагӣ ва қарзҳои дохиливу хориҷӣ мепушонанд. Аммо бароришиҳои пул боиси таваррум, гаронии нархи молу хадамот мегардад, ки ин ба пастшавии сатҳи зисти аҳолӣ оварда мерасонад. Ҳам қарзҳои беруна ва ҳам дохилӣ метавонанд барои маблағгузории касри буҷет истифода шаванд.

Ҳолатҳои касри буҷет, тавре дар диссертатсия қайд гардидааст, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ зуҳуроти нав нест ва ин роҳро дар замони хеш аксар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон, аз ҷумла ИМА, Британияи кабир, Фаронса, Олмон, Ҷопон ва ғайраҳо тай намудаанд. Бо вуҷуди ин, каср дар мамлакатҳои номбаршуда ҳам аз рӯйи даромад ва ҳам аз рӯйи хароҷот мушоҳида мегардид ва дар баъзе ҳолатҳо то сатҳи хеле зиёд аз ММД–и мамлакатҳо мерасид. Ҳамин тавр, дар ИМА дар интиҳои ҷанги дуюми ҷаҳон касри воситаҳои буҷетӣ аз рӯйи хароҷотҳо чунин мебошад – 50-70% (22-31% аз ММД) ва аз рӯйи даромад – 105-230%. Ҳатто касри буҷет дар давлатҳои Фаронса, Британияи кабир, Олмон, ИМА ҳанӯз аз солҳои 70-уми асри гузашта ба анъана табдил ёфт ва дар даҳаи охир касри воситаҳои буҷетӣ 25,2%-и хароҷоти буҷетро дар Италия, 15,6% дар Ҷопон, 11,6% дар ИМА ва 9,6% дар Фаронса ташкил намуд.

Дар диссертатсия, муаллиф ду низоми хеле зиёд тафовутдоштаи банақшагирии буҷет ва танзими касри буҷетро ҷудо намудааст: марказонидашуда ва ғайримарказонидашуда. Танзими марказонидашудаи касри буҷет идоракунии марказонидашудаи даромадҳои андозӣ ва дар заминаи иерархияи мутобиқшударо дар назар дорад.

Хеле саривақтӣ мешавад, агар чунин таҷрибаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ татбиқ карда шаванд, хусусан кам кардани харoҷотҳои такроршаванда, таҷдиди назар намудани харoҷотҳои дуюмдараҷа, кам кардани гаронии андозҳо, ки боиси касри буҷет мегарданд. Ба ақидаи мо хуб мешуд, ки бо татбиқи ин таҷриба ба мақомотҳои маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чунин ваколатҳо дода шавад ва масъулияти пурранамоии буҷетҳои маҳаллӣ зиёдтар карда шавад.

Танзими ғайримарказонидашудаи касри буҷет дастраскунии субсидияҳо, ҷубронҳо ва грантҳои ба ҳудудҳои дар назар дорад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сифати мисоли чунин низом таҷрибаи Фаронса оварда шудааст, ки ба заминаи қонунии рушдёфта такя менамояд.

Диссертант ба чунин хулоса омадааст, ки дар ҷумҳурии мо самаранокии амалкунии низоми буҷетӣ ҳоло таъмин нагардидааст, зеро он ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дорад ва бинобар ин, дар асоси таҷрибаи омӯхташудаи низомҳои дар кор баррасишуда пешниҳод менамояд, ки он такмил дода шавад. Ба андешаи диссертант, зарур аст, ки захираҳои молиявӣ барои истифодаи захираҳои маҳаллӣ, баланд бардоштани иқтидори минтақаҳо, иҷрои фармоишҳои давлатӣ равона карда шаванд ва ба ин васила маблағгузории минтақаҳо амалӣ гардад.

Дар боби дуюм – “Ҳолат ва баҳогузории танзими касри буҷетӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон” - ҳолати муосири буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва касри он таҳлил гардида, баҳодиҳии асосҳои институтсионалии танзими касри буҷети давлатӣ гузаронида шуда, самаранокии танзими харoҷотҳои буҷетӣ, касри буҷет ва масъалаҳои методии ҳисоби он дар ҷумҳурӣ баён шудааст.

Таҳлили ҳолати муосири танзими касри буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки он бо назардошти талаботҳои мавҷудбудаи байналмилалӣ, метавонад ҳамчун муътадил арзёбӣ гардад. Динамикаи касри буҷети давлатӣ бо вобастагии функсионалии рушди ММД ва даромаду харoҷоти буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020 дар ҷадвали 2 инъикос ёфтааст.

Ҷадвали 2. – Динамикаи касри буҷетӣ давлатӣ бо вобастагии функсионалии рушди ММД ва даромаду харoҷоти буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ, % ва банди фоизӣ)*

Нишон-диҳандаҳо	***2015***	***2016***	***2017***	***2018***	***2019***	***2020***	**Нисбат 2020/ 2015, бо % ва б.ф.**
ММД	50977,8	54790,3	64434,4	71059,2	79109,8	82543	162
Даромад	16586,5	18405,2	19955,5	23925,5	23469,4	25065,0	151
Харoҷот	16277,4	18294,3	22264,2	24187,4	23806,6	24812,5	152
Касри буҷет: барзиёдатӣ (+), норасоӣ (-)	309,1	189,5	-2308,7	-261,9	-337,2	252,5	81

Идомаи ҷадвли 2.

Ҳиссаи касри буҷет нисбати ММД, бо %	0,6	0,3	-3,6	-0,4	-0,4	0,3	-0,3

***Сарчашма:** муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷм. оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2021. - С. 335 ҳисоб намудааст.

Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 2 дида мешавад, дар давоми солҳои 2015-2020, ҳаҷми ММД аз 50,9 то 82,5 млрд. сомонӣ афзоиш ёфта, рушди он 162%-ро ташкил дод. Ин ҳолат имконият дод, ки базаи андозбандӣ васеъ гардида, ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ 151% зиёд шуд.

Дар давраи таҳлилшаванда ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатӣ зиёд шуда (152%), нисбат ба суръати афзоиши даромади буҷети давлатӣ зиёд аст (+1%). Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои камомади (с. 2017-2019) даромади буҷет нисбати хароҷоти он ҳамчун сарчашмаи маблағгузории рушди иқтисодӣ касри буҷет ва ҷалби захираҳои молиявӣ аз ҳисоби қарзи давлатӣ роҳандозӣ гардидаанд. Дар ин ҳолат бо назардошти маҳдуд гардидани сарчашмаҳои дохилии танзими касри буҷети давлатӣ бештар сарчашмаҳои беруна, истифода шуд, ба монанди ҷалби қарзи хориҷӣ, грантҳо ва сармояҳои мустақими хориҷӣ ва ғ. Ин имконият дод, ки иҷроиши буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо дар давраи таҳлилшаванда, балки дар замони соҳибистиқлолият бо истифодаи усулҳо ва сарашмаҳои муосири танзими касри буҷет таъмин карда шавад (расми 3).



Расми 3. - Иҷроиши даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ*
***Сарчашма:** муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷм. оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2021. – С. 653 таҳия намудааст.

Тавре аз расми 3 мушоҳида кардан мумкин аст, иҷроиши нақшаи буҷет дар солҳои камомади (с. 2017-2019) даромади буҷет бо назардошти секвесторикунонии он амалӣ шудааст, ҳол он, ки харoҷотҳои давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва харoҷотҳои ҳифзшаванда бетағйир боқӣ монда, вазифаҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати иҷтимоӣ таъмин гардид.

Ҳамин тариқ, танзими дурусти касри буҷет ба Ҳукумати кишвар имконият дод, ки ҳиссаи даромади буҷетӣ дар доираи 30%-и ММД-ро ташаккул дода, гаронии андозиро ба субъектҳои иқтисодӣ сол ба сол коҳиш диҳад ва барои таъмини рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт мусоидат намояд. Вобастагии динамикаи рушди ММД ва даромади буҷети давлатӣ ва ҳиссаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 3 маълумот оварда шудааст.

Ҷадвали 3. - Динамикаи рушди ММД ва даромади буҷети давлатӣ ва ҳиссаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ, % ва банди фоизӣ)*

Нишон-диҳандаҳо	***2015***	***2016***	***2017***	***2018***	***2019***	***2020***	**Нисбат 2020/ 2015, бо % ва б.ф.**
ММД	50977,8	54790,3	64434,4	71059,2	79109,8	82543	162
Даромад	16586,5	18405,2	19955,5	23925,5	23469,4	25065,0	151
Ҳиссаи даромади буҷет нисбати ММД, бо %	32,5	33,6	31,0	33,7	29,7	30,4	-2,1

***Сарчашма:** муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷм. оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2021. - С. 335 ҳисоб намудааст.

Тавре аз маълумоти ҷадвали 3 бар меояд, дар давраи солҳои 2015-2020, ҳиссаи даромади буҷетӣ дар доираи аз 32,5%-и ММД дар соли 2015 то 30,4%-и ММД-ро дар соли 2020 ё ин, ки ба - 2,1 банди фоиз коҳиш ёфт, ҳол он, ки ҳаҷми даромадҳо аз 16,5 млрд. сомонӣ то 25,1 млрд. сомонӣ ё, ин ки ба 9 млрд. сомонӣ зиёд шуд. Яъне, дар баробари коҳиш ёфтани ҳиссаи даромадҳои буҷети давлатӣ дар ММД, ҳаҷми маблағгузории иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ ҳамчун сарчашмаи дохилии танзими касри буҷет тамоюли афзоишёбиро дорад.

Таҳлили гузаронида нишон дод, ки дар раванди танзими касри буҷет, даромадҳои буҷетӣ хусусияти ҳам андозӣ ва ғайриандозӣ дорад. Ва аз ин лиҳоз, ҳиссаи манбаҳои даромадҳои андозӣ асосӣ буда, истифодаи сарчашмаҳои ғайриандозӣ ҳоло дар ҳолати ташаккулёбӣ мебошанд. Ҳолати муосирро нишондиҳандаҳои ҳиссаи воридоти андоз ба буҷети давлатӣ, ки дар соли 2020 83,6% -ро ташкил додааст, тасдиқ менамояд (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. – Динамикаи даромади буҷети давлатӣ ва сарчашмаҳои асосии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ, %, б.ф.*

Нишондиҳандаҳо	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**Тағйирот 2020/2015 %, б.ф**
Даромади буҷети давлатӣ, инчунин аз ҳисоби:	12024	12636	14525	15834	17800,8	18376,10	153
Воридшавии андозҳо	10613	11188	13099	14564	15775,4	15356,70	145
бо %.	88,3	88,5	90,2	92,0	88,6	83,6	-4,7

Идомаи ҷадвали 4.

Воридшавии маблағҳои ғайриандозӣ	1411	1448	1426	1270	2025,4	1893,50	134
бо %.	11,7	11,5	9,8	8,0	11,4	10,3	-1,4

***Сарчашма:** муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷм. оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2021. - С. 670-674 ҳисоб намудааст.

Таҳлили ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки ҳиссаи даромадҳои ғайриандозӣ дар соли 2020 10,3% ташкил дода, тамоюли коҳишёбӣ дорад, бо назардошти он, ки дар соли 2015 11,7% -ро ташкил дода буд. Ин ҳолат, баръакси тамоюлҳое, ки дар сатҳи иқтисоди ҷаҳонӣ ҷой доранд, ташвишовар мебошад.

Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мушкилотҳои асосии танзими касри буҷети давлатиро самаранок истифодабарии хароҷотҳои маблағҳои буҷетӣ ташакил медиҳад. Ҳол он, ки хароҷотҳои буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол афзоиш ёфта истодаанд, масъалаи самаранок истифодабарии онҳо низ афзуда истодааст (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5. - Динамикаи хароҷоти давлатӣ ва ҳиссаи он дар ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ, %)*

Нишондиҳандаҳо	***2015***	***2016***	***2017***	***2018***	***2019***	***2020***	***2020/2015 бо %***
Хароҷоти муассисаҳои давлатӣ	5892,5	6441,6	7336,8	7973,6	8824,3	9712,3	165
бо ҳисоби % нисбат ба ММД	11,6	11,8	11,4	11,2	11,1	11,8	+ 0,2

***Сарчашма:** муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷм. оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисоботи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2021. – С. 24 ҳисоб намудааст.

Тавре аз маълумоти ҷадвали 5 бармеояд, дар давраи солҳои 2015-2020 хароҷоти муассисаҳои давлатӣ дар сохтори иҷроиши ММД аз 5892,5 млн. сомонӣ ба 9712,3 млн. сомонӣ афзуда, рушди он мутаносибан 165%-ро ташкил дод. Таносуби қиёсии муассисаҳои давлатӣ дар сохтори хароҷот барои истеъмоли ниҳоӣ дар давраи таҳлилшаванда аз 11,6% то 11,8% зиёд шуд. Ҳамин тариқ, тамоюли афзоиши хароҷоти буҷети давлатӣ барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти давлатӣ ба мушоҳида мерасад.

Иброз гардидааст, ки яке аз ҳиссаи калони хароҷотҳои буҷети давлатиро маблағгузории фаъолияти корхонаҳои азими иқтисоди миллӣ ба монанди “Барқи тоҷик”, КВД “Роҳи оҳан”, КВД “Талко”, “Тоҷикэйр” ва ғайра ташаккул медиҳанд, ки хизматрасонии иҷтимоии давлатиро ба аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодӣ роҳандозӣ намуда, боиси дастгирии рушди онҳо гардида, лекин бо фаъолияти зараровари худ, инчунин барои нигоҳдории суботи низоми молиявӣ, касри буҷет ва қарзи давлатӣ хатарҳои нави барзиёд эҷод менамоянд. Инчунин муайян шуд, ки таъсири корхонаҳои бузурги давлатӣ, ки зараровар фаъолият мебаранд, боиси афзун гардидани хавфҳои молиявии буҷетӣ ба андозаи то 7%-и ММД ва тамоюли пинҳонии зиёд гардидани касри буҷети давлатӣ гардида, хавфҳои навро ба рушди устувори низоми молиявӣ ва иқтисоди миллӣ эҷод менамояд.

Оқибатҳои манфии (молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ) касри буҷет фавран татбиқи силсилаи чорабиниҳоро оид ба рафъи он, сиёсати фаъоли молиявӣ, истифодаи усулҳоеро, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ маъмуланд ва пазируфта шудаанд, тақозо менамояд. Ба ақидаи мо, роҳҳои ҳалли ин мушкилот бештар дар он зоҳир мегардад, ки то кучо ва бо кадом суръат саъй кардан лозим аст, то буҷети баробарвазни хароҷот ва даромадҳо бо назардошти касри буҷет ба даст оварда шавад.

Ба ақидаи мо, барномаи тадбирҳои мушаххаси танзими касри буҷет бояд тадбирҳоеро дар бар гирад, ки аз як тараф, воридшавии маблағҳоро ба фонди буҷети кишвар ҳавасманд созанд ва аз тарафи дигар, ба коҳиш додани хароҷоти буҷети давлатӣ мусоидат намоянд.

Доир ба ҳолати сатҳи касри манфии буҷет, пеш аз ҳама тағйироти таркибии хароҷоти буҷетӣ хабар медиҳад (ҷадвали 6).

Ҷадвали 6. – Динамикаи сохтори хароҷоти буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо %*

Нишондиҳандаҳо	***2015***	***2016***	***2017***	***2018***	***2019***	***2020***	***Тағйирот 2020/2015, +/- банди фоизӣ***
Ҳамагӣ хароҷоти буҷети давлатӣ	100	100	100	100,0	100,0	100	0
Бахши ҳокимият ва идоракунии давлатӣ	9,3	8,5	7,4	6,8	6,0	5,4	-3,9
Маориф	15,6	16,9	16,0	15,3	18,2	17,9	+2,3
Нигаҳдории тандурустӣ	6,4	6,3	6,2	6,4	7,5	10,4	+4,0
Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ	16,2	14,9	13,7	13,1	14,8	15,6	-0,6
Хоҷагии манзилию коммуналӣ, экология ва хоҷагии ҷангал	7,3	7,0	4,1	4,8	5,3	5,7	-1,6
Фарҳанг ва варзиш	3,5	3,2	3,4	3,0	4,0	4,0	+0,5
Маҷмуи сӯзишворию энергетикӣ	18,0	20,3	28,2	26,8	19,6	20,0	+2,0
Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор	2,2	2,5	3,1	2,4	2,7	2,7	0,5
Саноат ва сохтмон	2,6	1,2	0,7	0,6	0,8	0,7	-1,9
Нақлиёт ва коммуникатсия	6,1	5,2	4,8	5,3	5,0	4,2	-1,9
Фаъолиятҳои дигари иқтисодӣ ва хизматрасониҳо	0,2	0,1	0,2	0,2	0,3	0,9	0,7

***Сарчашма:** муаллиф дар асоси Вазъи иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷм. оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2020. – С. 98 ҳисоб намудааст.

Тавре нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 6 овардашуда шаҳодат медиҳанд, хароҷотҳои буҷетии бахши ҳокимият ва идоракунӣ ба -3,9 банди фоизӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ -0,6 банди фоизӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, экология ва хоҷагии ҷангал -1,6 банди фоизӣ, саноат ва сохтмон -1,9 банди фоизӣ, нақлиёт ва коммуникатсия -1,9 банди фоизӣ кам шуда, тамоюли камшавӣ аз сабаби пайдо шудани каср мебошад ва камсамар гардидани хароҷотхои буҷет аз нуқтаи назари самараи иқтисодӣ ва танзими дарозмуҳлати касри буҷет шаҳодат медиҳад.

Хароҷотҳои буҷетии бахши маориф 2,3 банди фоизӣ, нигаҳдории тандурустӣ 4,0 банди фоизӣ, фарҳанг ва варзиш 0,5 банди фоизӣ, маҷмуъи сӯзишворию энергетикӣ 2,0 банди фоизӣ, кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор 0,5 банди фоизӣ, фаъолиятҳои дигари иқтисодӣ ва хизматрасониҳо 0,7 банди фоизӣ афзоиш ёфтаасту тамоюли мазкур аз нуқтаи назари самараи иҷтимоӣ мусбат, хусусан зиёдшавии маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад. Лекин захираҳои баланд бардоштани самараи хароҷотҳои буҷетӣ, ки бо назардошти истифодаи усул ва фишангҳои ҳамкории бахши хусусӣ ва давлатӣ, бештар роҳандозии фаъолияти ташкилотҳои тандурустӣ ва маориф аз ҳисоби маблағҳои хусусӣ ва кам кардани маблағгузории буҷетии онҳо ҷой доранд.

Ҳамин тариқ, дар татбиқи сиёсати буҷетии давлат ду равиш мавриди истифода қарор дода шуда истодааст, лекин имкониятҳои онҳо бо назардошти ҳолати ҷории вазъи субботи молиявӣ ва макроиқтисодӣ ба таври пурра истифода намешаванд ва дар ҳолатҳои алоҳида байни худ мухолифат менамоянд.

Дар боби сеюм – "Стратегияи васеъкунии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" - самтҳои афзалиятноки васеъкунии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ асоснок гардида, такмили механизми танзими касри буҷети давлатӣ дар раванди амалисозии сиёсати молиявӣ, моделҳои танзими касри буҷети давлатӣ ва дурнамои он барои давраи то соли 2030 таҳия гардидааст.

Яке аз нишондиҳандаҳои дар ҳолати ҷой доштани барзиёдатии буҷет Вазорати молия бо истифодабарии фишангҳои худ, яъне бароришри коғазҳои қимматноки давлатӣ ба намуди вексели хазинадорӣ барои рӯйпуш кардани касри буҷетӣ ҷалби маблағҳои қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ бо хароҷотҳои буҷетӣ роҳандозӣ мегардад. Яъне, ҳам хароҷотҳои изофавии молиявии буҷет ва инчунин коҳиши қарздиҳии аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ роҳандозӣ мегардад, ки аз нуқтаи назари самаранокии макроиқтисоди самараи паст дорад. Яъне, нигоҳдории субботи молиявӣ дар ин ҳолат бо хароҷоти зиёди молиявии буҷетӣ роҳандозӣ мегардад. Аз тарафи дигар, ин боиси нигоҳдории гаронии андоз ба андозсупорандагони хусусӣ ва боиси коҳиши иқтидори сармоягузории тамоми иқтисодиёт мегардад.

Аз ин лиҳоз, механизми танзими касри буҷетӣ барои ба иқтисодиёт тавассути шаклҳои ташкили муносибатҳои на фақат буҷетӣ, балки бо синтези он бо сиёсати пуливу қарзӣ дар доираи коркард ва роҳандозии сиёсати молиявӣ ҳамчун синтези онҳо, бо истифодаи маҷмуи усулҳои сафарбаркунии маблағҳои барои пушонидани касри буҷетӣ, шарту принсипҳои харҷи онҳо, ба воситаи

ҳаҷми маблағҳои буҷетӣ сафарбар ва истифодашавандаи давлат, сохторҳои минтақавии он ва ҳукуматҳои маҳаллӣ ва истифодаи фишангҳои пуливу қарзии ватанӣ ба таври мақсаднок таъсир расонидан ба иқтисоди миллӣ истифода мегардад, ки дар расми 4 оварда шудааст.

Расми 4. - Сохтори танзими касри буҷет дар раванди татбиқи сиёсати молиявӣ*
***Сарчашма:** муаллиф таҳия намудааст.

Тавре аз расми 4 бармеояд, дар раванди татбиқи сиёсати буҷетӣ звеноҳои механизми танзими касри буҷетӣ ва татбиқи сиёсати молиявӣ бо ёрии усулҳо ва фишангҳои сиёсати молиявӣ амал мекунанд, ки ҳаҷм ва ҳаракати захираҳои буҷетиро муайян мекунанд.

Дар сенарияи аввал, мо барои пешгӯи намудани стратегияи сатҳи самаранокии воситаҳои буҷети давлатӣ вобастагии байни ду нишондиҳандаро баҳогузорӣ менамоем (ҷадвали 7).

Ҷадвали 7. - Нишондиҳандаҳои хароҷоти буҷети давлатӣ ва маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои солҳои 2004-2021 (бо млн. сомонӣ)*

Сол	Ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети давлатӣ - (Х)	Касри буҷети давлатӣ тибқи нақша	ММД - (У)
2004	1090,6	25,5	6167,3
2005	1402,7	35,0	7206,6
2006	1778,8	42,0	9335,2
2007	3494,8	95,5	12804,4
2008	4823,8	74,0	17706,9
2009	5687,3	103,0	20628,5
2010	6712,6	311,8	24707,1
2011	8562	375,9	30071,1
2012	9107,9	565,6	36163,1
2013	11591,6	685	40525,5
2014	13190,4	1237	45606,6
2015	16277,4	309,1	48408,7
2016	18294,3	110,9	54479,1
2017	22264,2	-2308,7	64434,3
2018	24187,4	-261,9	71059,2
2019	23806,6	-337,2	79109,8
2020	24812,5	252,5	82543
2021	27194,1	624,0	91640,5

***Сарчашма:** муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2021. - С. 200; 425-450 таҳия намудааст.

Барои моделсозии мо имкониятхои муосири коркарди маълумотҳои ададӣ SPSS (Statistical Package for the Social Sciences - «Пакети маҷмуи оморӣ барои омӯзиши илмҳои иҷтимоӣ») ва пакети барномаҳои офисӣ - MS Excel истифода намудем. Натиҷаҳои он дар замимаҳои диссертатсия акс ёфтанд. Баъдан моделҳои регрессионӣ ва бузургиҳои эътимоднокии аппроксиматсияи хароҷоти буҷети давлатиро аз нишондиҳандаи макроиқтисодӣ (ММД) муайн карда шудаанд.

Аз маълумотҳои ҷадвали 8 чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки модели регрессияи дараҷавӣ сатҳи аз ҳама баландтари коэффитсисенти детерминатсияро дорад, яъне сифати аз ҳама беҳтаринро дар байни моделҳои сохташуда соҳиб аст.

Бинобар ин, модели регрессияи дараҷагиро дар шакли У=23,7х0,7893 барои пешгӯӣ намудани маҷмуи маҳсулоти дохилӣ истифода мебарем.

Ҷадвали 8. - Моделҳои регрессионӣ ва бузургиҳоии эътимоднокии аппроксиматсияи онҳо

Модели регрессия	Бузургии эътимоднокии аппроксиматсия
$y = 18055\ln(x) - 128166$	$R^2 = 0,9052$
$y = 2,7202x + 5488,6$	$R^2 = 0,9746$
$y = 23,7x^{0,7893}$	$R^2 = 0,9911$
$y = 9179,8e^{0,0001x}$	$R^2 = 0,8449$

Сарчашма: муаллиф қимати бузургиҳоро аз натиҷаи таҳлил ва баҳогузории ҷадвали 8 овардааст.

Барои истифодаи он дар мадди аввал мо модели қатори вақтии **x**= f(t) - ро тартиб медиҳем, ки дар ин ҷо **x**-хароҷотҳои умумидавлатӣ ва **t**-омили вақтӣ қабул карда мешаванд.



Расми 5. - Натиҷаи моделсозии регрессиявии нишондиҳандаи хароҷоти буҷети давлатӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф

Модели қатори вақтӣ дар шакли зерин бо бузургиҳои эътимоднокии аппроксиматсияро дорад, бинобар ин ба тағйирёбандаи **t**-қиматҳои ба солҳои минбаъдаи пешгӯишавандаро гузошта, қиматҳои пешгӯишвандаи **x**-ро муайян мекунем ва ин қиматҳои ҳосилшударо ба модели 1-ум гузошта, дар ниҳоят сатҳи самаранокии хароҷи буҷети давлатӣ ва маҷмуи маҳсулоти дохиларо то давраи соли 2030-ро пешгӯӣ мекунем. Натиҷаҳои пешгӯи самаранокии хароҷоти буҷети давлатӣ бо ММД дар ҷадвали 9 акс ёфтаанд.

Ҷадвали 9. - Пешгӯии сатҳи самаранокии касри буҷет ва маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030*

Сол	Ҳаҷми хароҷотҳои буҷет- X	Касри буҷети давлатӣ тибқи нақша	ММД – У
2022	29913,5	686,4	100804,1
2023	32904,9	755,0	110884,5
2024	36195,3	830,5	121973,0
2025	39814,9	913,6	134170,3
2026	43796,4	1005,0	147587,3
2027	48176,0	1105,5	162346,0
2028	52993,6	1216,0	178580,6
2029	58293,0	1337,6	196438,7
2030	64122,3	1471,4	216082,6

***Сарчашма:** муаллиф ҷадвалро дар асоси натиҷаи баҳодиҳии воситаҳои буҷети давлатӣ таҳия намудааст.

Ҳамин тавр пешгӯӣ карда мешавад, ки дар соли 2030 сатҳи самаранок истифодабарии воситаҳои буҷети давлатӣ (X) ба 64122,3 млн. сомонӣ, касри буҷети давлатӣ ба 1471,4 млн. сомонӣ ва маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (У) бошад, 216082,6 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Татбиқи модели рушди истифодаи самараноки воситаҳои буҷетӣ то соли 2030 дар мамлакат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар омилҳои дигар ба сатҳи нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ ва ММД таъсиррасонанда ё ки омилҳои баинобатгирифташудаи муаллиф пурра бетағйир боқӣ монанд, ё ин ки аз

тарафи бозори молиявӣ дар доираи татбиқи сиёсати молиявӣ минималӣ карда шаванд.

Пешниҳоди самаранокии хароҷоти буҷет то давраи соли 2030 як қисми сатҳи баландбардории рушди иҷтимоӣ ва устувории рушди иқтисодиёти миллиро дар бар мегирад, ки муаллиф алоқамандии онҳоро дар модел пурра пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда тибқи модел, моро зарур аст, ки ҳамаи унсурҳои буҷетӣ ва принсипҳои татбиқи хароҷоти буҷетӣ, нишондиҳандаҳои иҷроиши буҷет, воситаҳои идоракунии самарабахши сарчашмаҳои рӯйпушнамоии касри буҷети давлатиро дида баромада ва баъдан натиҷаи онро дар амал давра ба давра тадбиқ намоем.

ХУЛОСА

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

1. Таҳқиқи таҳавуллоти консепсияҳои танзими касри буҷетӣ, барои гурӯҳбандии онҳо (тавозунӣ, зиддисиклӣ ва функсионалӣ) имконият дода, исбот гардид, ки консепсияи молияи функсионалӣ ба шароити муосири иқтисоди миллии мо мусоид аст. Тибқи он мақсади ниҳоии танзими касри буҷет ва молияи давлатӣ на таъмини тавозуннокии буҷет, балки таъмини устувории иқтисодиёт буда, он ба васеъкунии сарчашмаҳои танзими касри буҷет ва самаранок истифода бурдани онҳо ба рушди иқтисоди миллӣ, нигаронида шудааст. Дар ин ҳолат, рушди иқтисодӣ боиси пайдо шудани сарчашмаҳои васеи маблағгузории он гардида, барои бартараф намудани маҳдудиятҳои ҷойдоштаи касри буҷети давлатӣ ва низоми молиявии анъанавӣ гашта, самараи мултипликативӣ (фузунсозӣ)-и макроиқтисодиро ба миён меорад [2-М];

2. Дар заминаи таҳлили ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ, мафҳуми муаллифии касри буҷетӣ пешниҳод гардид, ки тибқи он - касри буҷет ин категорияи иқтисодиест, ки муносибатҳои номутавозинӣ вобаста ба барзиёдии хароҷот нисбат ба даромади буҷети давлатӣ ба амал омада, боиси пайдо гардидани ҷалби маблағҳои иловагӣ дар шакли пайдо гаштани қарзи давлатӣ бо мақсади маблағгузорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ мебошад [2-М, 3-М];

3. Муқаррар карда шуд, ки аз як ҷониб, қарзи давлатӣ сарчашмаи маблағгузории касри буҷет ва омили муҳими таъмини рушди иқтисодӣ буда, дар ҳолати таҳияи механизми самарабахши истифодаи он, вай баҳри ҳалли масоили мубрами иқтисоди миллӣ имкон фароҳам месозад. Аз ҷониби дигар, қарзи давлатӣ ҳамчун сарчашмаи маблағгузории касри буҷет барои инкишофи ояндаи иқтисодиёт таҳдидҳоро эҷод месозад. Бинобар ин, дар назария ҳолати мазкур зимни иҷрои шартҳои амалиётҳои қарзии ҳатмӣ бояд ҳалли худро пайдо намояд: арзиши захираҳои ҷалбшуда бояд камтар аз он самараи иқтисодие бошад, ки дар натиҷаи истифодаи онҳо дар иқтисодиёт ба даст овардан мумкин аст [4-М, 5-М];

4. Ошкор гардид, ки касри буҷет бо ҳолати иқтисоди миллӣ хело сахт вобастагӣ дошта, дар тағйиротҳои куллӣ ва ҷузъии иқтисодӣ намудор гашта, он алоқамандии функсионалӣ дорад. Яъне алоқамандии байни касри буҷет ва

рушди устувори иқтисоди миллӣ, на алоқамандии “сабаб ва пасомад” дошта, балки таъсири байниякдигариро дорост. Бинобар ин вобастагии гаронии андоз ба ҳаҷми ММД, ба суръати рушди устувори иқтисод, дар навбати худ, ба касри буҷет таъсири худро мерасонад. Қисми даромади буҷет самтҳои истифодабарии даромадҳои буҷетро инъикос мекунад [4-М, 5-М, 8-М];

5. Се усули танзими давлатии касри буҷет ҷудо карда шудаанд, ки аз онҳо дар таҷрибаи байналмилалӣ бомуваффақият истифода менамоянд: нуқтаи истиноди калидии молияи давлатӣ ноилгардӣ ба тавозуни солонаи буҷети давлатӣ ва касри воситаҳои буҷетӣ мебошад; таъкид ба танзими давлатии зиддисиклии норасоии воситаҳои буҷетӣ дар давоми як сикли рушди иқтисодӣ тавассути татбиқи фишангҳои сиёсати фискалӣ дар сатҳи давлат; таъкид ва роҳнамоӣ ба андозбандии функсионалӣ, дар ҳоле, ки рушди мутавозини иқтисодиёт тавассути воситаҳои гуногуни дар ихтиёри давлат қарордошта, аз ҷумла воситаҳои сиёсати фискалӣ таъмин карда мешавад [1-М, 5-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо:

1. Муқаррар карда шуд, ки яке аз ҳиссаи калони хароҷотҳои буҷети давлатиро маблағгузории фаъолияти корхонаҳои азими иқтисоди миллӣ ба монанди “Барқи тоҷик”, КВД “Роҳи оҳан”, КВД “ТАЛКО”, “Тоҷикэйр” ва ғайра ташаккул медиҳанд, ки хизматрасонии иҷтимоии давлатиро ба аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодӣ роҳандозӣ намуда, боиси дастгирии рушди онҳо гардида, лекин бо фаъолияти зараровари худ, инчунин барои нигоҳдории суботи низоми молиявӣ, касри буҷет ва қарзи давлатӣ хатарҳои нави барзиёд эҷод менамоянд. Инчунин муайян карда шуд, ки таъсири корхонаҳои бузурги давлатӣ, ки зараровар фаъолият мебаранд, боиси афзун гардидани хавфҳои молиявии буҷетӣ ба андозаи то 7%-и ММД ва тамоюли пинҳонии зиёд гардидани касри буҷети давлатӣ гардида, хавфҳои навро ба рушди устувори низоми молиявӣ ва иқтисоди миллӣ эҷод менамоянд. Ин тамоюлҳо зарурати кам кардани хароҷотҳо ва касри буҷетро талаб намуда, роҳандозии усулҳои нави маблағгузории буҷетии фаъолияти чунин корхонаҳои давлатиро, ба монанди – табдилдиҳии онҳо ба ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, фуруши саҳмияҳои онҳо бо мақсади ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ тавассути истифодаи имкониятҳои бозори молиявӣ тақозо мекунанд [1-М, 4-М, 8-М];

2. Ҳадафҳои дарозмуддати дар СМР - 2030 эълоншуда ва ҳадафҳои ислоҳоти гузаронидашуда баҳри танзими касри буҷет дар Тоҷикистон, аз ҷумла маблағгузории раванди диверсификатсияи иқтисодиёт ва таъмини рушди устувор, ноилгарди ба нишондиҳандаҳои миёнаи сатҳи даромади миллӣ ба сари аҳолӣ ва таъмини рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ ба ҳам алоқаманд карда шудаанд. Муайян карда шуд, ки афзалиятҳо ба монанди суботи макрофискалӣ ва ё таъмини тақсимоти самаранокии маблағҳо, танҳо дар шароите ба даст меояд, ки нишондиҳандаҳои воқеии иқтисодӣ рушд намуда, боиси ба даст омадани чунин афзалиятҳо гардем, инчунин танзими касри буҷет таъмин гардад. Мутаассифона, дар соли 2020 нисбати соли 2015 қарзи беруна 46% зиёд гашта, касри манфии буҷет низ 18% зиёд шуда, тамоюли ташвишовари афзоиш доранд. Инчунин дар иқтисоди миллӣ шумораи корхонаҳои муфлисгардида ва соҳибкорони тибқи патенту шаҳодатнома амалкунанда, ки муфлис мегарданд, зиёд шуда истодааст,

ки боиси маҳдуд гардидани базаи андозӣ ва зиёд шудани касри манфии буҷет шуда истодаанд. Бинобар ин татбиқи афзалиятҳои дар боло қайдгардида, зарурати танзими саривақтии институтҳои расмӣ – санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва ғайрирасмӣ – анъанаву расму оинҳо, зиёд кардани иқтидори корхонаҳои давлатии идоракунӣ ва истеҳсолиро дар танзими касри буҷет, қарзи давлатӣ, сарфакорона истифодабарии маблағҳои буҷетӣ, шароитҳои мусоид барои рушди соҳибкории ватанӣ ва дигар масъалаҳои макроиқтисодиро тақозо менамояд [2-М, 3-М, 8-М];

3. Тавре аз таҳлилҳо ошкор гардид, шумораи умумии андозҳо аз 10 намуд то 7 намуд кам карда шуда, бо роҳи хориҷ намудани андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва муттаҳид намудани андози воситаи нақлиёт бо андозҳо аз молу мулк, инчунин андоз аз фоида бо андоз аз даромад ба роҳ монда шуд. Аз таҳлил бармеояд, ки дар Кодекси нави андоз шумораи андозҳо кам шудааст, лекин дар асл бошад, танҳо андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ихтисор шуда, андозҳои фоида ва даромад, андозҳои замин, молу мулки ғайриманқул ва андоз аз воситаҳои нақлиёт якҷоя карда шуданд. Аз ин бармеояд, ки гаронии андоз қариб, ки бетағйир боқӣ монда, дар оянда бо назардошти маҳдуд намудани сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва ҳаҷми воридоти онҳо, низ барои танзими молияи давлатӣ ва касри буҷет хавфҳои иловагӣ метавонад эҷод намуда, боиси ичро нагардидани ҳадафҳои рушди миллӣ гардад [1-М, 4-М, 8-М];

4. Тамоюлҳои зерин ошкор карда шуд: зиёдшавии маблағгузории бахши ҳокимият ва идоракунӣ, аз зиёдшавии дастгоҳи идоракунӣ шаҳодат дода, ин хароҷотҳои иловагиеро ба бор меоранд, ки самаранокиашон ба буҷет ва зиёд шудани қисми даромади он вобастагӣ надошта, шояд самараи ҷамъиятӣ оваранд. Лекин камшавии хароҷотҳо ба соҳаҳои маҷмуи сӯзишворию энергетикӣ, нақлиёт ва коммуникатсия ва хароҷотҳои дигар, ки рушди онҳо дар оянда боиси рушди иқтисодӣ гардида, самаранокиашон дар қисми даромад инъикос меёбанд, кам гардидаанд. Тамоюли мазкур аз нуқтаи назари самараи иқтисодӣ аз камсамар гардидани буҷет шаҳодат медиҳад ва аз нуқтаи назари самараи иҷтимоӣ мусбат арзёбӣ мегардад, хусусан зиёдшавии маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ. Ошкор шуд, ки корхонаҳои давлатие, ки характери тиҷоратӣ доранд, кам ба назар мерасанд, инчунин онҳо даромади худро дар бисёр ҳолатҳо пинҳон намуда, худро ҳамчун зарароварнишон медиҳанд, ки самараи даромадҳои дисконтиронишудаи буҷетро муайян кардан мураккаб мегардад, лекин самараи хароҷотҳоро тадқиқ намуда, баҳогузорӣ намудан мумкин аст, ки агар шароитҳои иқтисодии мавҷудаи ба буҷет таъсиррасонанда таъсири манфӣ нарасонанд, самараи иҷтимоии буҷетро мусбӣ арзёбӣ намудан мумкин аст [1-М, 4-М, 13-М];

5. Самтҳои афзалиятноки танзим ва васеъ кардани сарчашмаҳои буҷет ошкор карда шуд: маҳдуд будани сарчашмаҳои танзими касри буҷет ва низоми молиявӣ дар доираи истифодаи усулҳои анъанавӣ; бо назардошти гуфтаи боло мантиқан кам будани шумораи фишангҳои танзими касри буҷет ва низоми молиявӣ; пурра истифода набурдани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар ин самт; пурра истифода набурдани иқтидорҳои захираҳои молиявии мавҷуда, инчунин паст будани самаранокии маъмурикунонии андозӣ, иқтидорҳои низоми бонкӣ, бозори молиявӣ, гардиши коғазҳои қимматнок; афзалият додан ба ҷалби қарзҳои имтиёзнок бо грантҳо бо мақсади кам кардани хароҷоти буҷет барои

хизматрасонии онҳо, ки бо талаботҳои иловагии сиёсӣ вобаста буда, раванди танзими иқтисодиёти миллиро маҳдуд карда, хавфҳои дарозмуддатро эҷод мекунанд; кам истифода бурдани имкониятҳои бозори молиявии хориҷӣ, ки имкониятҳои хело васеъ дар доираи сарчашмаҳо, усулҳо ва фишангҳои молиявиро дорост; кофӣ набудани дараҷаи дониш ва малакаи кормандони соҳаи молиявии ватанӣ ва низоми бонкию бозори коғазҳои қимматнок ва ғ [1-М, 3-М, 4-М, 13-М];

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Сафаров Х.А. Механизми мукаммалгардонии мувозинати буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Х.А. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахши илмҳои иқтисодӣ, соли 2020 №7, саҳ. 219-224, ISSN 2413-5151 (0,4 ҷ.ч)

[2-М]. Сафаров Х.А. Ҷанбаҳои назариявӣ-методии идоракунии касри буҷет дар шароити муосир [Матн] / Х.А. Сафаров // Паёми Молия ва иқтисод, бахши илмҳои иқтисодӣ, соли 2020 №3 (23), саҳ. 170-176, ISSN 2663-0389 (0,4 ҷ.ч)

[3-М]. Сафаров Х.А. Кодирзода Д.Б. Формирование и развитие теории государственных финансов [Текст] / Х.А. Сафаров, Д.Б. Кодирзода, // Вестник Таджикского национального университета, серия социально – экономических и общественных наук, 2020 г №8, стр. 60-64, ISSN 2413-5151 (0,3 п.л)

[4-М]. Сафаров Х.А. Қодирзода Д.Б. Сиёсати муосири молиявӣ ва вазъи рушди буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] / Х.А. Сафаров, Д.Б. Қодирзода, // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, соли 2022, 1(40)/2022 ISSN 2308-054X, саҳ. 315-320 (0,4 ҷ.ч)

Дар дигар нашрияҳо:

[5-М]. Сафаров Х.А. Ҳикматов С. Таҳлили вазъи бозори сармоя (қарз ва пасандозҳо) дар соли 2019: дастовардҳо ва муаммоҳои сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Х.А. Сафаров, С. Ҳикматов // Маводи конфронси илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Такмили муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ дар рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ДССХ, 07-декабри соли 2020, саҳ. 247-249 (0,2 ҷ.ч)

[6-М]. Сафаров Х.А. Сафарова М. Вазифа ва моҳияти иқтисодии суғурта [Матн] / Х.А. Сафаров, М. Сафарова // Маводи конфронси илмӣ – амалӣ бахшида ба “Рӯзи кормандони соҳаи молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар мавзуи “Муаммоҳои такмили низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир”, ДМТ, 7 декабри соли 2020, саҳ. 624-634 (0,6 ҷ.ч)

[7-М]. Сафаров Х.А. Қаландарова Г.С. Механизми самаранокии идоракунии маблағгузорӣ ва рушди он дар соҳаҳои иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир (Дар мисоли соҳаи маорифи ҶТ) [Матн] / Х.А. Сафаров, Г.С. Қаландарова // маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самараноки он”, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5-6 марти соли 2021, саҳ. 218-223 (0,4 ҷ.ч)

[8-М]. Сафаров Х.А. Ғафуров С.Х. Таҳлили устувории молиявии буҷети маҳаллӣ [Матн] / Х.А. Сафаров, С.Х. Ғафуров // Конференсияи илмӣ- амалии

ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар ҶТ”, ДССХ 27-марти соли 2021, саҳ. 94-98 (0,3 ҷ.ч)

[9-М]. Сафаров Х.А. Алишоев Х.Ҳ. Султонзода Ҷ. Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди иқтисодӣ- иҷтимоии мамлакат [Матн] / Х.А. Сафаров, Х.Ҳ. Алишоев, Ҷ. Султонзода // Маводи конференсияи илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими Истиқлолияти давлатии ҶТ”, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ ва 30-солагии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, ДССХ, 16 апрели соли 2021, саҳ. 29-31 (0,2 ҷ.ч)

[10-М]. Сафаров Х.А. Сафарова М. Самаранокии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Х.А. Сафаров, М. Сафарова // Маводи конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Муаммоҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳони пасокоронавирусӣ”, ДССХ 29 октябри соли 2021, саҳ. 349-352 (0,3 ҷ.ч)

[11-М]. Сафаров Х.А. Махмудова М.Х. Джумаев Ш.М. Роль банковской системы в обеспечении экономического роста экономики Таджикистана [Текст] / Х.А. Сафаров, М.Х. Махмудова, Ш.М. Джумаев // Материалы республиканской научно- практической конфренции на тему “Финансого –кредитные отношения: проблемы, пути развития, перспективы”, ИТПС, 29 мая 2021г, стр. 81-84 (0,3 п.л)

[12-М]. Сафаров Х.А. Сармоягузории молиявӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Х.А. Сафаров // Проблемаҳо ва дурнамои рушди менеҷмент ва маркетинги муосир дар саноати сайёҳӣ, маводи конфренсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ”, ДССХ, 18 декабри соли 2021, саҳ. 383-386 (0,3 ҷ.ч)

[13-М]. Сафаров Х.А. Сафарова М. Идоракунии касри буҷети давлатӣ ва тарзу роҳҳои асосии маблағгузории он [Матн] / Х.А. Сафаров, М. Сафарова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи “Танзими иқтисодӣ- ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалӣ дар бахши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ”, ДССХ, 29 январи соли 2022, саҳ. 327-334 (0,5 ҷ.ч)

[14-М]. Сафаров Х.А. Сафарова М. Таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии касри буҷети давлатӣ ва татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Х.А. Сафаров, М. Сафарова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Механизмҳои молиявию қарзии татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ДМТ, 18-уми феврали соли 2022, саҳ. 186-193 (0,5 ҷ.ч)

[15-М]. Сафаров Х.А. Сафарова М.И. Институциональные основы регулирования дефицита государственного бюджета [Текст] / Х.А. Сафаров, М.И. Сафарова // II Международная научно-практическая конференция на тему “Концепции развития научного потенциала общества”, Прага, Чехия 19-20 мая 2022г, стр. 82-88 (0,5 п.л)

[16-М]. Сафаров Х.А. Сафарова М. И. Оценка эффективности бюджетной политики и реализации мер регулирования бюджетного дефицита [Текст] / Х.А. Сафаров, М.И. Сафарова // Материалы IV Международной научно-практической конференции «НАУКА и ТЕХНОЛОГИИ», Алматы, Казахстан 15-16 мая 2022 г, стр. 247-250 (0,3 п.л)

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

На правах рукописи

УДК: 331.2.3 (575.3)
ББК: 65.052.2 (2 Т)
С- 21

САФАРОВ ХУРРАМ АБДУСАТТОРОВИЧ

ПУТИ РАСШИРЕНИЯ ИСТОЧНИКОВ РЕГУЛИРОВАНИЯ ДЕФИЦИТА ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.07 - Финансы, денежное обращение и кредит

Душанбе - 2022

Диссертация выполнена на кафедре управления государственными финансами и кафедре финансов и страхования Таджикского национального университета.

Научный руководитель: **Кодирзода Диловар Бахриддин,**
доктор экономических наук, профессор Российско-Таджикского (Славянского) университета

Официальные оппоненты: **Шарипов Бахром Махмудович,**
доктор экономических наук, главный научный сотрудник, Институт экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистана

Якубзода Маъруф Садруддин,
доктор философии (PhD), доктор по специальности, старший преподаватель кафедры «Финансы и кредит» Технологического университета Таджикистана

Оппонирующая организация: Таджикского государственного университета коммерции

Защита диссертации состоится на заседании Диссертационного совета **6Д.КОА-003** при Таджикском национальном университете «13» октября 2022 года, 16^{00} часов. Адрес: 734025, г. Душанбе, пр. Буни Хисорак. Студентческий городок, учебный корпус 7 ауд. 102, e-mail: **ds_6d.koa-003@mail.ru,** телефон ученого секретаря: (+992) 900171759

С диссертацией можно ознакомится в научной библиотеке университета и на официальном сайте Таджикского национального университета (www.tnu.tj).

Автореферат разослан «____» _____ 2022 г.

Ученый секретарь диссертационного совета, доктор экономических наук, доцент Курбонов А.К.

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. В современных условиях усиления мирового финансового кризиса, пика регионализации денежно-кредитных и валютных отношений, особенно появления альтернативы Всемирному банку, Международному валютному фонду и другим финансовым институтам в странах членов БРИКС и ухудшения позиций мировых валют, особенно доллара США, высокая зависимость национальных валют от валют сверхдержав, обесценивание бюджетных средств, неиспользование бюджетных средств в качестве краткосрочных кредитных ресурсов, высокие налоговые ставки и сокращение налоговых поступлений в связи с мировыми кризисами, увеличение расходов государственного бюджета, неэффективное использование расходов государственного бюджета, дефицит бюджета создают препятствия развитию экономики, что свидетельствует о своевременности исследования данной темы.

Как отметил Основоположник мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своем Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан: «Последствия пандемии продолжают оказывать отрицательное влияние на экономику стран мира, в том числе и на развитие нашей национальной экономики, на государственный бюджет, внешний товарооборот, курс национальной валюты, а также на деятельность промышленных предприятий и обслуживающих учреждений. С учетом снижения доходной части бюджета, возрастания требований финансирования, прежде всего, в социальные сферы, в том числе здравоохранение, и других не предусмотренных расходов мы пересмотрели государственный бюджет на 2020 год и внесли соответствующие необходимые изменения в показатели доходной и расходной частей, их экономический дефицит»[2].

С проблемой бюджетного дефицита или несбалансированности доходной и расходной частей бюджета сталкиваются все страны мира на разных этапах, в том числе и Республика Таджикистан, где нарушение системы финансирования в нашей стране упразднило надлежащее соотношение доходов и расходов и обусловило появлению нехватки финансовых ресурсов. В связи с этим в последние годы дефицит государственного бюджета Республики Таджикистан покрывается из следующих основных источников - за счет приватизации государственного имущества, от продажи казначейских векселей, внутреннего и внешнего государственного долга и т.д.

В этом аспекте существуют определенные проблемы, возникающие в связи с глобальными событиями и несоответствующей деятельностью внутренних субъектов, которые создают серьезные препятствия для выполнения плана внутренних и привлеченных источников покрытия дефицита государственного бюджета на стабильном уровне, в частности тенденции экономической и финансовой неустойчивости в мире и низкий уровень ответственности отечественных специалистов сильно взаимозависимы. Таким образом,

---

[2] Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики». – Душанбе: 26.01.2021. / [Электронный ресурс]. - URL : http://www.prezident.tj/node/25005

актуальность выбранной темы также соответствует проводимым в стране реформам, задачей которых является улучшение регулирования и повышение уровня результативности и эффективности дефицита государственного бюджета, в особенности, снижение зависимости государственного бюджета и устойчивого развития национальной экономики от внешних факторов, в частности из-за ограничений на привлечение иностранных и внутренних инвестиций.

Необходимость исследования и научного обоснования путей расширения источников регулирования дефицита государственного бюджета в Республике Таджикистан и его недостаточная научно-теоретическая и методическая изученность составляют актуальные вопросы диссертационного исследования.

Степень изученности научной темы. В плане разработки и изучении механизма эффективного использования источников покрытия дефицита государственного бюджета в наше время считается передовым опыт зарубежных ученых, таких как Э. Ханушек, Г. Хатри, Г.М. Левин, М. Фаррелл, М.П. Афанасьев, Н. Франческо и Н.В. Шаланов, которые внесли весомую лепту в области управления дефицитом государственного бюджета в XX и XXI вв.

Небольшой вклад в области управления дефицитом государственного бюджета и его влияние на развитие национальной экономики наблюдается в исследованиях ученых второй половины XX века, таких как: Г.Минза, Дж.М. Кларк, Дж.Р. Коммонс и др.

Об экономической природе дефицита государственного бюджета и его структуре дискутировали также и последователи экономических школ, такие как: классическая школа А. Смита и Д. Рикардо, марксистская школа К. Маркса, кейнсианская школа Дж.М. Кейнса, неокейнсианская школа Дж.М. Хикса, А. Лаффера, Р. Дорнбуша М. Фридмана, Дж. Стиглица и др.

Крупные исследования в области механизма управления и эффективного использования источников покрытия дефицита государственного бюджета проводились такими учеными, как: А.В. Мальцев и С.В. Король. В исследованиях А.В.Мальцева эффективное использование источников покрытия дефицита государственного бюджета рассмотрено в качестве способности государственных институтов контролировать бюджет с момента его формирования.

Эффективное использование источников покрытия дефицита бюджета как механизм вместе с влиянием важных государственных институтов на нестабильность рыночной экономики рассматривают в своих исследованиях Б.И. Боймирзоев, И.Р. Иброхимзода и У. Алимардонов.

В области методов оценки дефицита государственного бюджета значительный вклад наблюдается именно в исследованиях Ш.М. Рахимзода, Х.У. Умарова, М.К. Файзулло, А.К. Курбонова, Х. Азимова, С.Б. Мунавварова и Х.Р. Улугходжаевой.

В целом проблема расширения источников регулирования дефицита государственного бюджета рассматривается и в исследованиях таджикских и российских ученых. В современной отечественной экономической литературе содержится материал относительно сущности бюджетного дефицита и расширении источников его регулирования с учетом опыта исследований,

проведенных в других зарубежных странах, это ученые следующие: Р.К. Рахимов, Т.Н. Назаров, Л.Х. Саидмуродзода, Ш.М. Рахимзода, Б.И. Боймирзоев, Д.Б. Кодирзода, З. Султонов, З.А. Рахимов, И.Р. Иброхимов, М.Т. Каримова, Х. Умаров, М.К. Файзулло, С.Б. Мунаваров, У. Алимардонов, Ф.М. Муминова, Ф.С. Обидов, А.К. Курбонов, Х.Р. Улугходжаева, Я.Н. Юлдашев, С. Вазиров, У.С. Хикматов и ученые, защитившиеся в этой области - Ф. Усмонов, Б. Шарбатов, Султонби Р., А.А. Бекматов, Р.Т. Джабборов и др. В области механизмов повышения эффективности использования источников покрытия дефицита государственного бюджета и его проблем, проводили исследования российские ученые, такие как: А.И. Базецкая, А.И. Романенков В.В. Ковалев, В.П. Литовченко, М.М. Прошунин, Н.В. Шаланов, О.Н. Горбунова, Е.В. Алехин и др. В области системы регулирования дефицита бюджета и способах его покрытия работали в своих исследованиях В. Тушина, В.В. Ковалев, В.П., Литовченко, Д.Е. Фадеев, М.В. Романовский, М.М. Прошунин, Т.А. Фролова, Т.В. Сорокина и др.

В то же время следует отметить, что в исследованиях вышеперечисленных ученых остается нерешенной проблема в части путей расширения источников регулирования дефицита государственного бюджета, особенно в развитие финансовой системы Республики Таджикистан в современных условиях возникновения новых угроз. Поэтому в данном исследовании мы рассматриваем пути решения существующих проблем в области расширения источников регулирования дефицита бюджета, модель регулирования системы дефицита бюджета и пути эффективного использования источников его регулирования в национальной экономике.

